# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-043-и назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии № ___**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 11 июни соли 2026, №----**

**Барои сазовор донистани Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ 02 апрели соли 2026, №28 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-043-и назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (734012, ш. Душанбе, кӯч. Мастонгулов, 3, толори шурои диссерататсионии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, №407шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон 5-уми январи соли 1994 дар вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Соли 2013 бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ соли 2018 хатм кардааст.

Аз соли 2018 инҷониб дар Донишгоҳи давлатии Данғара дар вазифаҳои гуногун кор кардааст. Аз 01.09.2023 то ҳоло сармутахассиси маркази тестӣ ва бақайдгирии Донишгоҳи давлатии Данғара мебошад.

Маълумотнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ дар асоси қарори комиссияи имтиҳонӣ ва шаҳодатномаи №452 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст. Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2026 №6 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Қодирзода Далер Сайфулло** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори шуъбаи Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Душанбе.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Астанов Истам Рустамович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сардори кафедраи «Криминалистика ва экспертизаҳои судии» Академияи ҳифзи хуқуқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

**- Салимов Бахромҷон Азизович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини сардори Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**3. Ба ҳайси муассисаи пешбар** муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» (ш. Душанбе) таъин карда шудааст.

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар, Ҳамроев Ш.С. – декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ омода гардида, аз ҷониби Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в. мудири кафедраи хуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Назарзода Р.Г. ва котиби ҷаласа омузгори кафедраи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Желтова В.А., имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Иброҳимзода И.Р. санаи 24 апрели соли 2026 тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 6 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 5 адади онҳо дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М]**. Саидзода, Р.Ҳ. Тавсифи криминалистикии ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаи нақлиёт [Матн] / Р.Ҳ. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №5. – С. 273-277; ISSN 2413-5151.

**[2-М].** Саидзода, Р.Ҳ. Тавсифи ҳолатҳои садамавии роҳ ва намудҳои садамаҳои нақлиётӣ [Матн] / Р.Ҳ. Саидзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – №4 (48). – С. 161-165; ISSN 2412-141X.

**[3-М].** Саидзода, Р.Ҳ. Масоили тактикии азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт [Матн] / Р.Ҳ. Саидзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. – №2 (50). – С. 98-103; ISSN 2412-141X.

**[4-М].** Қодирзода, Д.С., Саидзода, Р.Ҳ. Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ҳангоми тафтиши ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт [Матн] / Д.С. Қодирзода., Р.Ҳ. Саидзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2025. – №3 (67). – С. 30-38; ISSN 2412-141X.

**[5-М].** Саидзода, Р.Ҳ. Тактикаи пурсиши айбдоршаванда дар мавриди тафтиши ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт [Матн] / Р.Ҳ. Саидзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – №3 (39). – С. 262-1268; ISSN 2414- 9217.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ–амалӣ чоп шудаанд:**

**[6-М].** Саидзода, Р.Ҳ. Баъзе аз хусусиятҳои тактикаи ташкил ва гузаронидани пурсиш вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаи нақлиёт [Матн] / Р.Ҳ. Саидзода // «Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо»: маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон ва Рӯзи байналмилалии муқовимат бо коррупсия. – Душанбе, 2022. – С. 401-410.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Қурбонализода Н.Ш**.– д.и.ҳ., Роҳбари дастгоҳи раиси шаҳри Душанбе;

**Олимзода Д.А**. – н.и.ҳ., дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии Академияаии идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Алиев Ш.Ф. –** н.и.ҳ., дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эрод ва тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидоштаи зерин пешниҳод шудаанд:

1. Дар матни диссертатсия барои ифода намудани тарзи дурусти азназаргузаронии воситаҳои нақлиётӣ якчанд ақидаҳои олимон ва амалияи тафтиширо истифода намуда таҳлили камбудиҳои ҷойдошта ва хулосабарориро дар он дақиқ ҷой надодааст. Аз ин лиҳоз, муаллифро зарур буд, ки мавқеи илмии худро дар мавриди тартиби дурусти гузаронидани азназаргузаронии воситаҳои нақлиётӣ пешниҳод ва асоснок намуда онро мавриди истифода қарор медод.

2. Дар матни диссертатсия муаллиф дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ягон пешниҳод ба меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ накардааст. Ҳоло он, ки тафтиши ин ҷиноятҳо бе

дарназардошти таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ ғайриимкон аст. Хуб мешуд, ки ба меъёри моддаи 212 КҶ ҶТ ва муқаррароти гуногуни КМҶ ҶТ ягон пешниҳодҳо менамуданд.

3. Дар кори худ муаллиф мафҳуми садамаи нақлиётиро овардааст, тавсифоти криминалистиро дар ин масъала пешниҳод кардааст. Аммо дар масъалаи дар пешбурд қатъ кардани ин ҷиноятҳо тамоман сухан наронадааст. Ҳоло он, ки ин ҷиноятҳо ҳамеша дар шакли беэҳтиётӣ содир мешаванд. Ҳеҷ як ронанда оқибати фаро расидани ин кирдорро намехоҳад. Бинобар ин хуб мешуд, ки бо истифода аз принсипҳои адолат, инсондӯстӣ ва демократизм диссертант ҳар чи бештар таваҷҷуҳи худро ба масъалаи қатъ кардани ин гуна парвандаҳои ҷиноятӣ медод.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 61-10 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз руйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**– коркард карда шуд:** шаклҳои ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ошкорсозӣ ва тафтиши самараноки чунин ҷиноятҳо ҳангоми анҷом додани амалҳои тафтишӣ;

**– пешниҳод шудааст:** бори аввал тавсифи криминалистии ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт таҳия ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардида, ҷанбаҳои махсуси ин намуди ҷиноятҳо, аз ҷумла роҳу усулҳои содиркунии ҷиноят, хусусиятҳои шахсии субъекти чунин ҷиноятҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҳамчунин, усулҳои тафтиши чунин ҷиноятҳо;

**- исбот шудааст:** хусусиятҳои криминалистии субъектҳои ин намуди ҷиноятҳо ба таври низомнок баррасӣ шуда аст, ки дар марҳилаҳои аввали тафтишот шахсони ҷинояткор ба таври саривақтӣ муайян карда шуда, замина барои баланд бардоштани натиҷанокии тактикаи амалҳои тафтишӣ фароҳам мегардад;

**ҷорӣ намудани:** тактикаи асоснокшуда оид ба гузаронидани амалҳои аввалиндараҷаи тафтишӣ, монанди азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, кофтуков, пурсиш, рӯбарӯкунӣ ва дигар амалҳо бо назардошти хусусияти махсуси ҷиноятҳои экстремистӣ ва зарурати вокуниши фаврӣ ба чунин таҳдидҳо.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** хулосаҳои назариявии дар натиҷаи таълифи таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастовардашударо метавон дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии марбут ба тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон

кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода кардааст. Маводи таҳқиқоти диссертатсиониро ҳангоми тадриси фанҳои таълимӣ, ба монанди «Криминалистика», «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва «Криминология», инчунин, дар мавриди гузаронидани семинарҳо, конфронсҳо ва «мизҳои мудаввар»-и илмӣ ва дарсҳои амалӣ ба таври васеъ метавон истифода кард.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** таҳқиқоти илмӣ тавассути омӯзиши илмии криминалистика, истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, ки нуқтаҳои назари илмии муосирро дар бораи тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт инъикос менамояд, ба даст оварда шудааст. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудаанд, самаранок истифода шудаанд.

– **баён шудани** тавсифи криминалистии ҷиноятҳое, ки бо вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт вобастаанд, низоми мураккаб, махсус ва байнисоҳавиро ифода месозанд. Ин низом маҷмӯи маълумотро дар бораи механизми ташаккули ҷиноят, амалҳои иштирокчиён дар лаҳзаи содиршавӣ ва пас аз он, динамикаи рушди ҳодиса ва ташаккули аломатҳои ҷиноят вобаста ба вазъият дар бар мегирад;

– **ошкор гардидани** хусусияти хоси ин ҷиноятҳо беқасд будани расонидани зарар аст, ки он махсусияти баҳодиҳии ҳуқуқӣ ва интихоби чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ ҷиноятиро пешакӣ муайян мекунад;

– **омӯхта шуданд** шаклҳои фаъолияти субъектҳои ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт;

– **аз нав такмил додани** санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ – як қатор талаботи ҳуқуқӣ барои гузаронидани азназаргузаронии ҷойи ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд мустаҳкам карда шаванд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти қонунгузорӣ, дар ҷараёни таълими фанҳои криминалистика, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, криминология ва курсҳои махсус, инчунин дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (Вазорати корҳои дохилии ҶТ, Прокуратураи ҶТ), судҳо, бозрасии давлатии автомобилӣ ва муассисаҳои экспертизаи судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Маводди таҳқиқот барои баргузории семинарҳо, конференсияҳо ва мизҳои мудаввари илмӣ-амалӣ низ муфид хоҳанд буд.

– **муайян карда шуд, ки** таҳлили амалияи тафтиш зарурати густариши истифодаи донишҳои махсусро ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи бехатарии ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт тасдиқ менамояд;

– **коркард карда шуд:** ҳамкории муфаттиш бо кормандони воҳидҳои оперативӣ ва нозироти давлатии бехатарии ҳаракат аҳаммияти махсус

дорад, зеро он ҳамкории самаранокро бо мақомоти дахлдор дар раванди ошкор намудани ҷинояткор ва муайян кардани воситаи нақлиёти истифодашуда ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ таъмин менамояд. Чунин ҳамкорӣ ба муайян намудани робитаҳои ҷинояткор бо муҳити ҷиноятӣ, ошкор кардани воситаи нақлиёти истифодашуда, боздошт намудани гунаҳгорон ва ҳалли парванда мусоидат мекунад;

– **муаррифӣ карда шуд:** пурсиши гумонбар (айбдоршаванда) вазифаи аниқсозии ҳолатҳои воқеии ҳодисаи бaамаломадаро иҷро намуда, омилҳои субъективии рафтори зиддиҳуқуқиро ошкор месозад ва нақши шахси мушаххасро дар воқеаи ҷиноят муайян мекунад. Ҳамчунин, ин амал ҳамчун воситаи санҷиш ва мушаххас намудани маълумоте хизмат мекунад, ки тавассути дигар усулҳои мурофиавӣ ба даст оварда шудаанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ тавассути истифодаи усулҳои муосири илмӣ, ки ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунанд, таъмин гардидааст. Натиҷаҳои илмӣ, хулоса, пешниҳод ва тавсияҳои амалӣ бар пояи таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ таҳия шудаанд. Омӯзиш, тафсир ва таҳлили амалияи судӣ-тафтишотӣ бо истифода аз усулҳои муосири коркарди иттилоот ва таҳқиқи таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ анҷом дода шудааст.

Илова бар ин, эътимоднокии таҳқиқот бо ҷалби доираи васеи маводи амалияи судӣ-тафтишотӣ тақвият ёфта, дар шакли ҷамъбаст ва таҳлили маводҳои амалияи судӣ, инчунин омӯзиши як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ инъикос гардидааст.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** амалияи тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи бехатарии ҳаракат гувоҳӣ медиҳад, ки таҳия ва татбиқи тавсияҳои тактикии дақиқсанҷида оид ба анҷом додани амалҳои тафтишӣ дар таъмини пурра ва холисона бурдани тафтиш нақши муҳим мебозанд.Татбиқи муваффақонаи чунин тавсияҳо танҳо дар сурате имконпазир аст, ки онҳо бахусусиятҳои криминалистии кирдорҳои мавриди баррасӣ мутобиқ гардонда шаванд;

– **ғоя асоснок шудааст, ки** дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда чунин хулосаи илмӣ асоснок гардидааст, ки истифодаи усулҳои муосири таҳқиқотӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, амалияи судӣ ва маводи парвандаҳои ҷиноятӣ имконият медиҳад, ки қонуниятҳо, мушкилот ва роҳҳои такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ба таври дақиқ муайян карда шаванд;

– **муайян шудаанд:** дар диссертатсия чунин мавқеи илмӣ таҳия ва асоснок карда шудааст, ки баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сифати татбиқи қонунгузорӣ ба омӯзиши амиқи амалияи судӣ-тафтишотӣ, истифодаи таҷрибаи пешқадам ва такмили механизмҳои ҳуқуқии танзимкунанда вобастагии мустақим дорад;

– **истифода карда шуданд:** асоси эмпирикии таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиш ва таҳлили амалияи судии судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад, ки дар асоси 150 парвандаи ҷиноятӣ дар давраи солҳои 2018–2025

анҷом дода шудааст. Дар раванди таҳқиқот маводҳои Маркази иттилоотию таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маводҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти унвони «Оид ба омӯзиш ва ҷамъбасти амалияи судӣ аз рӯйи парвандаҳои марбут ба тафтиши ҷиноятҳо вобаста ба вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт», ки аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ дар солҳои 2018–2025 баррасӣ шудаанд, мавриди омӯзиш ва таҳлили амиқ қарор дода шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки тамоми марҳилаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ — аз ҷумла ҷамъоварӣ, омӯзиш ва таҳлили маводи илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ-тафтишотӣ — бевосита аз ҷониби муаллиф анҷом дода шудаанд. Довталаб мустақилона натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ таҳия намуда, онҳоро дар асоси таҳлили 150 парвандаи ҷиноятӣ ва маводи мақомоти дахлдор асоснок кардааст.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 11 июни соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад. Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, №407шд тасдиқ гардида, 10 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктор аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 10 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – 10 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назарзода Н.Ҷ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Сафарзода Ҳ.С.**

**11 июни соли 2026**